**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2021. – 153 саҳ.**

Диссертатсияи **Назаров Саъдулло Турахонович** дар мавзӯи «**Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, яке аз масъалаҳои муҳиму актуалӣ буда, дорои аҳамияти назариявӣ, методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда** дар он аст, ки осору афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа диққати муҳаққиқони тоҷики замони навинро ба худ ҷалб карда аст. Аз ин ҷо дарки дурусти ин мерос, аз ҷумла файласуфони машшоия Форобию Сино бағоят муҳим мебошад. Дар шинохти онҳо на фақат омӯзиши дақиқу мушикофонаи асарҳои онҳо зарур аст, балки таълимоти онҳоро шарҳ дода, онро ба дигар минтақаҳои хилофати паҳновари он давра, аз ҷумла ба ғарби хилофат ва баъдан дар шакли такмилёфта ба олами Ғарб паҳн гардидани ин осор, аҳамияти хоси илмӣ пайдо мекунад. Ибни Боҷҷа яке аз ҳамингуна мутафаккирон мебошад, ки осори Форобию Синоро шарҳу таҳлил намуда, дар ғарби хилофат паҳн кардааст. Рушду инкишофи минбаъдаи машшоия бо номи Ибн Рушд марбут аст, ки дар Ғарб чун фалсафаи авероизм нуфузи зиёде пайдо кард.

Рисолаи тақризшаванда нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Вазифаҳо, ҳадафҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст возеҳ, равшан ва мушаххас мебошанд.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** рисола ба омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, аслҳои пайравии ӯ аз таълимоти Форобӣ ва Сино, ошкор намудани таъсири эҷодиёти фалсафии ӯ ба мутафаккирони минбаъда бахшида шудааст. Муаллиф барои ноил гаштан ба чунин ҳадаф ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён мегузорад, ки чунинанд: **таҳлил** намудани шароити иҷтимоиву сиёсии давраи зиндагӣ ва эҷодиёти мутафаккир; **муайян** намудани омӯзиш ва таҳлили рушду инкишофи фарҳанг ва илмии даврони мутафаккир; **баррасӣ** ва таҳлили масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии мутафаккир ва пайравии ӯ аз файласуфони шарқӣ: Ал-Форобӣ ва Ибни Сино; **таҳлилу** омӯзиш ва баррасии фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа.

**Навгонии илмӣ** дар рисола пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа дар доираи фалсафаи тоҷик бори аввал ҳамчун мавзӯи таҳқиқоти махсуси илмӣ баррасӣ гардида, мавриди таҳлили илмии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст махсусан нуктаҳои зерин диққат ҷалбкунандаанд:

- мушаххас кардани ҳастишиносии Ибни Боҷҷа ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино ва Форобӣ. Дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сababият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва субот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор додааст;

- бори нахуст кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буд, пай дар пай тавсифу баёни худро пайдо кунад;

- масъалаҳои фалсафаи амалии мутафаккир бори аввал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла масъалаи оила, муошират, тарбияи фарзанд ва ғайра.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя бароварда** шудааст, нуктаҳои 1, 4 ва 5 нақши калиди мебозанд, зеро дар он муаллиф масъалаҳои муҳимми фалсафӣ ичтимоии Ибни Боҷаро ошкор карда аст, ки истифодаи ин таҷрибаҳо дар фалсафаи муосир самарабахш хоҳад буд. Мазмуни ин нуктаҳо чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: мақоми асҳоби ҳаюло, машшоиёни шарқӣ, аҳли тасаввуф, аҳли калом, ва ғ., ки ҳар яке аз ин мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба хазинаи фалсафаи миллати мо донишеро зам намудаанд ва ба ташаккули фалсафаи асримиёнагӣ саҳми беандоза гузоштаанд. Бояд қайд кард, ки хусусан омузиши андешаҳои иҷтимоии Ибни Боҷҷа арзиши амалии худро гум нахоҳанд кард, зеро он «фалсафаи ҳаёти беҳтарини ҷамъиятӣ»-и муттафакир амалҳои бошуурона, воситаҳо ва тарзи зиндагӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва дигар зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки он пояи низоми арзишҳои маънавиро ташкил медиҳанд. Ибни Боҷҷа чунин андеша дорад, ки фалсафа ба моҳияти ирода ва интихоби аъмоли инсонӣ равона гардидааст. Ба мафҳуми «улуми иҷтимоӣ» бошад, Ибни Боҷҷа ба фалсафаи амалии арастуӣ такя карда, дар он ахлоқ ва сиёсатро ворид кардааст. Аз назари ӯ, улуми иҷтимоӣ он намуди амалу рафторҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ба ирода асос ёфтаанд; хислатҳо, феълу хӯ, сифатҳо ва хусусиятҳои модарзодӣ, ки амалҳо ва рафторҳои номбурда аз онҳо бармеоянд.

Яке аз рукнҳои асосии рисола аз асосҳои назариявӣ-методологии он иборат аст. Муаллиф дар диссертатсия бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои пешбинишуда усулҳои гуногуни таҳқиқотро мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла: усулҳои умумиилмӣ, усулҳои таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, сохторӣ ва ғ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафа, иҷтимоиёт ва масоили сиёсӣ метавонанд ҳамчун замина хизмат кунад; таҳлили фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии афкори Ибни Боҷҷа дар шароити кунунӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи афкори ин

мутафаккири барҷастаи асрҳои миёна муайян карда шавад; ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳоро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, таърихи фалсафа, сиёсатшиносӣ, фалсафаи ахлоқ, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд; маводи таҳқиқотро инчунин метавон дар баррасии омӯзиши масоили таърихи фалсафаи тоҷик истифода намуд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- дар коркарду ироаи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

- мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода ёфтааст.

- ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Сохтори диссертатисия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 153 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми диссертатсия “**Заминҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**” номгузорӣ шуда, муаллиф дар он заминаҳои пайдоиш ва ташаккули афкори фалсафию иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор додааст.

Диссертант дар зербоби якуми боби аввал, “Вазъи иҷтимоӣ -сиёсии замони Ибни Боҷҷа” – ро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки омӯзиш ва баррасии афкори фалсафаи, иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа ба роҳ монда шудааст. Яке аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи афкори фалсафаи, иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа истифода мешавад, ин усули таърихӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин усул пайдоиш ва инкишофи афкори фалсафӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар таълимоти Ибни Боҷҷа омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи алоқаҳои сохтории байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат

мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии раванди омӯзиши афкори Ибни Боҷҷа ба кор бурдааст. Осори ин мутафаккир беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. (с. 14-32)

Зербоби дуюми ин фасл мавзӯи **“Заминаҳои фарҳангӣ ва илмии давраи Ибни Боҷҷа”** - ро дар бар мегирад. Муаллиф дар ин зербоб, аз усулҳои муҳим, ки дар таҳқиқи афкори фалсафӣ иҷтимоии Ибни Боҷҷа истифода менамояд, махсусан аз усули таърихӣ ва иҷтимоӣ истифода бурдааст. Дар доираи ин усул заминаҳои ташаккулёбии афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Ибни Боҷҷа омӯхта мешавад. Илова бар ин, дар таҳқиқот усули таҳлили системавӣ, ки барои таҳқиқи пайдарпайи афкори мутафаккир, сохтори байни унсурҳои системаи таҳқиқшаванда мусоидат мекунад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф усули муқоисавиро барои муайян намудани самаранокии омӯзиши афкори фалсафӣ-иҷтимоии мутафаккир ба кор бурдааст. Осори ин мутафаккир беҳтарин намунаи баёни маърифат ва тафаккури амиқи ақлу хирад мебошанд. (с. 33-50)

Зербоби сеюми боби аввали рисола “**Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккир**” ном дорад. Дар ин зербоб муаллиф ба сарчашмаҳои ғоявии ташаккулёбии афкори фалсафӣ, иҷтимоию сиёсии Ибни Боҷҷа нишон дода шудааст. Яке аз намояндагони бӯзурги фалсафаи арабӣ-исломӣ дар Мағриб – дар Ғарби ҷаҳони ислом (Андалусия) мебошад. Абӯбакр Муҳаммад Ибни Яҳё ас-Сайиг ат-Туҷбӣ ибни Боҷҷа дар байни солҳои 1082 ва 1085 дар Сарагос таваллуд шуда, бо лақаби Ибни Боҷҷа машҳур гардидааст, ки ин гувоҳӣ аз аҳли заргарон будани ӯст, зеро Боҷҷа дар ҳунари заргарӣ хело чирадаст будааст. Ин унвони ӯро номи “Ибни ас-Саъиг” шаҳодат медиҳад, ки маънояш «писари заргар» аст ва «Боҷҷа» ба забони бошандагони асримиёнагии Андалусия «нукра» маънидод мешавад. Дар Аврупо ӯ бо номи Ибни Боҷҷа (аз лотинӣ - Avempace ) машҳур аст. Ба мисли дигар файласуфон, Ибни Боҷҷа муаррих ва табиб низ буд. Ба

ақидаи олими машҳури француз Анри Корбен, файласуф Ибни Боҷҷа бо тафаккури амиқ ва тафаккуру ҷаҳонбинии фалсафияш назди Ибни Рушд ва Алберти Бузург эҳтироми хоссеро дошт. Умуман, дар ин зербоб усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ ва умумиилмӣ истифода гардидаст. (с. 51-65)

Боби дуюми рисола "**Таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**" номгузорӣ шудааст. Дар зербоби аввали боби дуюм – **"Масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷҷа"** қайд карда мешавад, ки андешаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа оиди ҳастӣ, маърифат, модда, дониш ва ғайра таҷассуми худро ёфтаанд. Дар ин қисмати рисола муаллиф бо такя ба мохияти афкори фалсафии Ибни Боҷҷа менависад, ки Ибни Боҷҷа фалсафаро бо номи илми куллӣ чун ҷузъи чаҳоруми фалсафаи назарӣ аз илоҳиёт комилан ҷудо мекунад ва таъкид менамояд, ки он аз ҷумлаи сифатҳои куллии ҳастӣ – ваҳдат, касрат, кул, ҷузъ, илат, маълул ва монанди он масоили ҳастиро омӯхта, ҳаллу фасл менамояд. (с.66-88)

Зербоби дуюми боби дуюми рисола **"Таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа"** ном дорад. Муаллиф дар он моҳияти шахсият ва мавқеи ӯ дар ҷомеаро аз диди Ибни Боҷҷа пешниход намудааст. Зеро мутафаккир мувофиқи ақоиди пешгузаштагони худ, махсусан Форобӣ ва Ибни Сино мафҳуми ҷомеа ва шахсро ошкор намуда, паҳлӯҳои мухталифи онро баён намудааст. Дар таълимоти Ибни Боҷҷа махсусияти ташакулёбии шахс нишо ндода шудааст, ки аз рӯи муҳиммият, мақоми созоворро "шаҳри зикр" ишғол менамояд, ки амали он бо шаҳодати зикр шакли мукаммали маънавиро ба даст овардааст. Дар зикр одамон идомаи ҳаёти худро мебинанд, ба хотири он муҷассамаҳои боҳашаммат месозанд, шеърҳои зебо менависанд, рисолаҳо эҷод менамоянд, қаҳрамониҳо нишон медиҳанд ва ғайра, зеро хотира ягона чизест, ки пас аз инсон боқӣ мемонад.

Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки консепсияи иҷтимоию сиёсии Ибни Боҷҷа натиҷаи таҳаввулоти ғояҳо дар бораи ҷон мебошад, ки дар чанд марҳила ва дар алоҳидагӣ аз воқеияти иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст.

Ибни Боҷҷа дар ин самт танҳо набуда, дигар файласуфон низ ба ӯ пайравӣ кардаанд. Чуноне, ки мушоҳида менамоем, Форобӣ низ дар ин ҷо як қатор асарҳое монанди - «Рисола оид ба нуқтаи назари сокинони як шаҳри босазо», «Сиёсати шаҳрвандӣ», «Дар бораи ноил шудан ба хушбахтӣ», «Рисола дар бораи узвҳои бадани инсон» ва ғайра - ғояи ягонагии сохтори бадани инсон, шаҳр ва фазоро пешниҳод менамояд, ки ба яке аз ғояҳои асосии эҷодиёти ӯ ва консепсияи дурахшони фалсафаи арабӣ-исломӣ заминаҳои воқеиро асос гузоштааст. (с.89-104)

Зербоби сеюми боби дуюми рисола “**Фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа**” ном дорад. Муаллиф дар ин росто фалсафаи амалии мутафаккирро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки ба ақидаи Ибни Боҷҷа фалсафа ба омӯзиши моҳияти ирода ва интихоби аъмоли инсонӣ равона гардидааст. Ба мафҳуми «улуми иҷтимоӣ» Ибни Боҷҷа, садоқатмандиашро дар фаҳмиши доираи масоили фалсафаи амалии арастуӣ изҳор намуда, илми ахлоқ ва сиёсатро ворид намудааст. Аз нуқтаи назари ӯ улуми иҷтимоӣ он намуди амалу рафторҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ба ирода асос ёфтаанд; хислатҳо, феълу хӯ, сифатҳо ва хусусиятҳои модарзодӣ, амалҳо ва рафторҳои номбурда аз онҳо бармеоянд.

Ҳамчунин мутафаккир нишон медиҳад, ки кадоме аз ин амалҳо бахти ҳақиқӣ (накуӣ, хайрхоҳӣ ва шаъну шараф) ва кадоме аз онҳо саодати инсонро таъмин намуда, муваққатӣ мебошанд. Ин аст, ки мутафаккир улуми иҷтимоиро ҳамчун «фалсафаи шаҳрвандӣ» низ ном мебарад. Чунин маъниро дар асарҳои Форобӣ низ дучор омадан мумкин аст, агарчанде ки истилоҳи «илми маданӣ»-ро мантиқан ҳамчун «фалсафаи ҳаёти ҷамъиятии ғоявӣ» тарҷума кардан мумкин аст». Ба ҷуз ҳамаи ин, «фалсафаи ҳаёти беҳтарини ҷамъиятӣ» амалҳои бошуурона, воситаҳо ва тарзи зиндагӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва дигар зуҳуроти ҳаёти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар асоси таҳлили мазмуну мундариҷаи корҳои Ибни Боҷҷа метавон доираи ғояҳои фалсафӣ, ки ба эҷодиёти фалсафии ӯ таъсири амиқ расонидаанд, муайян намуд. Қайд намудан зарур аст, ки аз як тараф, ин ғояҳо

хусусияти атиқӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, бо анъанаҳои фалсафии Шарқи мусулмонӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки Ибни Боҷҷа ба ақидаҳои фалсафии Афлотун, Арасту, Форобӣ, Сино ва Ғазолӣ такя намуда, дар баъзе ҳолатҳо, онҳоро зери танқид қарор додааст. Ҷонибдорӣ ва муқобил будани худро мутафаккир дар рисолаҳои "Рисолат ал-вадаъ" ва "Тадбир ал-мутаваҳҳид" баён намудааст. (с.105-131)

Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзӯи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари танқидӣ ва таҳлилӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори зиёиёни он давру замон гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзӯи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва масолеҳи миллӣ омода намудааст.

Дар хотимаи рисола натиҷаву хулосаҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда оварда шудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Мазмуну муҳтавои рисолаи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг аст.

**Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Назаров Саъдулло Турахонович** баҳои мусбӣ дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад ва мо онро дар сатрҳои зерин ишора мекунем:

1. Ҳангоми муқоисаи таълимоти Ибни Боҷҷа бо Ибни Сино ифодакунандаи ҳастӣ – моҳият ва шаклҳои он, инчунин шаклҳои араз дар таълимоти Ибни Сино ба пуррагӣ шарҳ наёфтааст.
2. Дар доираи масоили назарияи маърифати Ибни Боҷҷа мақоми "Ақли фаъол" дар силсилаи маротиби ақлҳо муаян нашудааст ва ҳамзамон таъсири он ба инсон норавшан мондааст.
3. Дар диссертатсия ва автореферати пешниҳоднамудаи унвонҷӯ хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои номбурда арзиши илмии рисоларо кам намекунад ва рисолаи **Назаров Саъдулло Турахонович** дар мавзӯи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст.

Рисола ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 –таърихи фалсафа мебошад.


**Кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**

**ба номи академик М.С. Осимӣ,**

**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Раҳимов М.Ҳ.**

Реквизитҳо:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо 10 734025

992 (37) 918827393,

Rakhimov55@mail.ru


**Имзои доктори илмҳои фалсафа,**

**профессор Раҳимов М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Шуъбаи кадрҳои**

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**

**ба номи академик М.С. Осимӣ,** **Шарипова Д.**

ш. Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо 10

734025